**Такриз**

ба автореферати диссертатсяи **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзӯи **«Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ»**, барои дифоъ дар шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-039, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ аз рӯи ихтисоси 02.03.11 - паразитология пешниҳод шудааст

**Мубрамии мавзуъ:** Гуногун будани шароити табиии Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ на танҳо ба тараккиёти соҳаҳои гуногуни чорводорӣ ёрӣ мерасонад, балки ба паҳншавии бемориҳои гиҷҷавӣ, аз ҷумла трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор ниҳоят мусоид мебошад. Омӯзиши таъсири омилҳои абиотикӣ ва биотикӣ барои таҳияи тадбирхое, ки ба мубориза бар зидди трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор нигаронида шудаанд, хеле муҳим аст.

Ҳамин тариқ омӯзиши ҷамбаҳои гуногуни мавзӯъ имкон медиҳад, ки чорабиниҳои мубориза бар зидди трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор дуруст ба роҳ монда шаванд. Бояд қайд намуд, ки рисолаи Сафаров Ф.Х. "Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ" аҳамияти муҳими илмию амалӣ дошта, зарурӣ ва ниҳоят мубрам баҳо дода мешавад.

**Навгонии илмӣ.** Дар шароити Тоҷикистони аввалин маротиба фауна ва паҳншавии трематодаҳои чорвои калон ва хурди шохдор пурра омӯхта шуда, дараҷаи сироятёбии чорвои калон ва хурди шохдор аз трематодаҳо вобаста ба синну сол, фасли сол ва сироятёбии гурӯҳӣ ошкор карда шудааст. Зичии нармбаданҳо - соҳибони мобайнии трематодаҳо дар чарогоҳҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ муайян карда шуда, бори аввал дар ҷумҳурӣ дар шароити озмоишгоҳӣ биологияи барангезандаи фассиолёз (*Fasciola hepatica*) омӯхта шудааст. Ҳамчунин самаранокии як қатор маводҳои зиддигиҷҷавӣ дар шароити чорвопарварии чарогоҳӣ муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Вазъи эпизоотии трематодозҳои чорвои калон ва хурди шохдор дар шароити Тоҷикистон муайян карда шуда, дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда пешниҳодҳои амалӣ ва дастурамали методӣ оид ба «Муолиҷа ва пешгирии гелминтозҳои

кавшакунандагон (эпизоотология, ташхис, ва чораҳои мубориза)» таҳия карда шудааст. Инчунин 6 мақолаю фишурдаҳои илмӣ ба табъ расионида шудаанд, ки аз аҳамияти назарявию амалии таҳқиқот гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамчунин муаллиф дар якчанд конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ иштирок намуда, натиҷаҳои асосии рисолаи худро маънидод намудааст.

## ХУЛОСА

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки кори рисолаи номзадии **Сафаров Фируз Холназарович** дар мавзӯи «**Трематодозҳои бештар паҳншудаи чорвои калон ва хурди шохдор дар Тоҷикистони Марказӣ ва Ҷанубӣ**» кори тахассусии илмӣ буда, мустақилона анҷом дода шуда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад. Кор ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» барои рисолаҳои номзадӣ пурра ҷавобгӯ буда ва муаллифи он **Сафаров Фируз Холназарович** аз рӯи ихтисоси 03.02.11 - паразитология сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти
кафедраи ихтиология ва физиологияи
ҳайвоноти хоҷагии қишлоқи
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Юсупов А.Я.

Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур
Суроға: 734003, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 146.
Тел: (+992) 918-76-71-18;

Имзои А.Я. Юсуповро тасдиқ мекунам.
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқӯқӣ ва
кадрҳои Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш. Шоҳтемур Абдуҳалимзода Н.А.
11.09.24с